Дӯстони бисёр азизи мо -
хонуми Жола ва оғои Бадеъ!

Шодем, ки пайғоми аз шумоён
гирифтаему, имкон дорем ба
шумо фиристем, шодем аз он, ки
оғои Бадеъ аҳволу рӯзгори хубе
дар байни фарзандону дӯстонашон,
дар обу ҳавои мӯътадили Лондон
доранд (ва ҳам аз он, ки моро
гӯше фаромӯш накардаанд.) Умед-
ворем, ки хонуми Жола вазифаҳои
бешумори худро дар Маскав
анҷом дода, қабл аз ҳама бо сиҳативу
саломатӣ ва бо нируи тоза назди
азизонашон бармегардандy аз
аҳволи мо ҳам, ки тозагӣ хабар
ёфтанд, ба шумо қиссаҳо меку-
нанд. Ва умедворем, ки ин хабар-
ҳо ~~ба~~ шуморо, оғои Бадеъ, хушҳол
мекунанд, чун:

1. Аз ин ба баъд табассуми
файласуфатон рӯзгори моро
мунаввар мекунад ва беҳтарин
ҳадья барои мо мебошад.

2. Аҳволи оилаи бузурги мо - аз падару модарам сар карда то Ёсумани дӯстрӯ - хуб аст ва ҳамаи мо сари дастархон ҳамеша дуои хайри Шуморо мекунем.

3. Мо Шуморо ҳамеша ба некӣ ёд мекунем ва, бовар кунед, дӯстони хеле азизи мо ҳастед.

4. Набераҳоятон - аз Асила то Саидаву Ёсуман то холо машқи бозии нардро мекунанд то рӯзи висол, рӯзи мусобиқаи нарду шоҳмот байни тими мову Шумо майдони бозӣ гарму ҷиддӣ бошад.

Агар аз ҳамаи ин ҳарфҳо гузарам - мо, Шумоёнро дӯст дорем, орзу дорем ҳамеша шоду, пурбору, пурттабассуму хушбахт бошед. Қабл аз ҳама тани сиҳату хотири ҷамъ бароятон [?] орзу дорем. Ҳеҷ гоҳ хаставу кӯфта набошед, ҳамеша ҳамчунин ҷавонзиму пурнозу латифу пурназокат бошеду рӯи дарду ғамро набинед. Бо гулҳои дигар ва бо ёди табассумҳои накнеонам [?] Шумо - дӯстони тоҷикатон Муҳиддин [?] Мубора[?]

121352, г. Москва, ул. Давыдковская, д. 10/6, кв. 110 Щербаков [?] М. Берёзина [?] М. 449-05-28

آقاسیار [?]

26.V.1997 сол.